# ТАҚРИЗ

ба авторефеҏати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ омода гардидааст, пешниҳод мешавад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин густариши ҳамкориҳои фаромиллӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб намудааст. Дар шароите ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ пайваста робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарии худро бо давлатҳои хориҷӣ тақвият мебахшад, масъалаҳои муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, ки дар муносибатҳои хусусии дорои унсури хориҷӣ иштирок менамоянд, аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунанд.

Бодя тазаккур дод, ки мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Одиназода У.С. дар автореферат ба таври возеҳ мубрамияти мавзуъро нишон дода, ба зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ таъкид намудааст. Хусусан, чунин хулосаҳои муаллиф аз нуқтаи назари доктрина ва амалия диққатҷалбкунанда аст:

«Дар раванди муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳо бо унсури хориҷӣ саҳми меъёрҳои оммавӣ, аз ҷумла принсипи реҷаи миллӣ, бағоят калон буда, онҳо муқарраркунандаи самти рушди минбаъдаи танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо иштироки шахсони воқеӣ мебошанд» (саҳ. 9)

«Ҳарчанд падидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба падидаҳои ҳамноми худ дар ҳуқуқи маданӣ монанд бошанд ҳам, аммо бо назардошти хусусияти танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо унсури хориҷӣ падидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун падидаи мустақил ва байналмилалӣ-хусусӣ бояд эътироф карда шаванд.» (саҳ. 9-10).

Муаллиф дар автореферат ба таври муфассал назарияҳои мавҷудаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили У.А. Азиззода, З. Ализода, М.Н. Раҷабзода, К.А. Бекяшев, М.М. Богуславский, И.В. Гетман-Павлова, В.П. Звеков. И.И. Лукашук, Л.А. Лунтс, Ш.К. Ғаюрзода, А.М. Диноршоҳ, И.И. Камолзода, Х.Р. Қодирқулов, Н.Ш. Қурбонализода, Қ.Ш. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, Х.С. Мирсайев, Д.С. Раҳмон, Ф.С. Сулаймонов, Ш. Тағойназаров, С.Н. Тағоева, Б.Т. Худоёрзода ва дигаронро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Методологияи таҳқиқот яке аз нуктаҳои муҳими таҳқиқот буда, муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла таҳлил ва синтез, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ ва таърихӣ истифода бурдааст. Ин усулҳо имкон додаанд, ки мавзуи таҳқиқот аз ҷанбаҳои гуногун - назариявӣ, амалӣ ва таърихӣ - мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро таҳқиқот дар асоси омӯзишу таҳлил ва баррасии санадҳои амаликунандаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра сурат гирифта, як қатор навгониҳои илмии таҳқиқот ҷиҳати такмили муқаррароти онҳо равона шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 3 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии кор дар автореферата диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар нуктаи 4, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, қайд карда мешавад «Раванди татбиқи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои алоҳидаи байналмилалии хусусӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки вобаста аз хусусиятҳои ин муносибатҳо қонуни шахсии шахсони воқеӣ дорои як қатор тобишҳо буда, дар маҷмуъ ҷиҳати ба таври дахлдор амалӣ шудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ равона карда мешаванд». Дар ин ҷо муаллиф мушаххас накардааст, ки дар муносибати байналмилалии хусусӣ қонуни шахсии шахсони воқеӣ дорои кадом тобишҳо мебошад. Дар ин робита аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар рафти ҳимояи ошкоро ба масъала равшанӣ андозад.

Бояд тазаккур дод, ки эроди овардашуда, ба мазмун ва баҳои умумии кори илмии анҷомдода таъсир намерасонад. Баръакс аз мубрам будани мавзӯи таҳқиқот далолат медиҳад.

Аз ҳамин лиҳоз, авторефёрати Одиназода У.С. ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, мавзӯи таҳқиқот аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам аст. Таҳлили амиқи назарияҳои илмӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои такмили қонунгузории инҳисории Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таҳқиқот дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур метавонад дар пешбурди ислоҳоти қонунгузорӣ, такмили амалияи ҳуқуқӣ ва таълими фанни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи маданӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон истифода шавад. Бо дарназардошти сатҳи баланди таҳқиқот ва саҳми он дар рушди илми

ҳуқуқшиносӣ, Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А. Сидиқов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru


«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

12.05.2026


Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru